Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди Донишгохи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Суроға: 734064, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14)

ТАҚРИЗИ

муқарризи расмии, дуюм номзади илмҳои иқтисодӣ, менеҷери минтақавии ш. Душанбе дар ҶСП "Спитамен Бонк", Нуралиева Дилафруз Камоловна ба диссертатсияи Раҳимзода Ҷурабек Раҳим дар мавзуи «Навовариҳои бонкӣ ҳамчун афзори рақамикунонии иқтисодиёт» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900- Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз)

Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илмӣ, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст

Диссертатсия ба талаботи бандҳои зерини Шиносномаи номгӯйи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мутобиқ аст: 2.13. Ташаккули хизматрасониҳои давлатӣ; 5.6. Проблемаҳо ва дурнамои арзёбии сармояи зеҳнӣ; 10.15. Коркарди амсилаҳои муайян кардани нархҳо ва арзиши аслии хизматрасониҳо ва амалиёти бонкӣ; 8.4. Механизми гардиши пули нақдӣ ва ғайринақдӣ; 8.8. Ташкили низоми самараноки пардохтӣ ва афзорҳои ҳаллу фасли буҳрони пардохтӣ; 10.1. Ташаккули низоми бонкӣ ва инфрасохтори он дар шароити иқтисоди бозорӣ; 10.10. Инноватсияҳои молиявӣ дар бахши бонкӣ; 10.15. Коркарди амсилаҳои муайян кардани нархҳо ва арзиши аслии хизматрасониҳо ва амалиёти бонкӣ; 10.22. Маҳсулоти нави бонкӣ: намудҳо, технологияи ташкил, тарзҳои татбиқ; 11.8. Таҳқиқи таъсири танзими пулию қарзӣ ба равандҳои инноватсионӣ ва сармоягузорӣ дар иқтисодиёт.

Мубрам будани мавзуи диссертатсия. Дар шароити муосир раванди рақамикунонии иқтисодиёт ба яке аз самтҳои асосии рушди устувори иқтисодию иҷтимоии давлатҳо табдил ёфтааст. Пешрафти босуръати технологияҳои рақамӣ, густариши интернет, истифодаи технологияҳои мобилӣ, зеҳни сунъӣ, таҳлили маълумоти калон, технологияҳои абрӣ ва дигар воситаҳои муосир муносибатҳои иқтисодӣ ва молиявиро ба таври куллӣ тағйир дода истодаанд. Дар чунин шароит

рақамикунонӣ на танҳо ба автоматикунонии равандҳои мавҷуда, балки ба ташаккули моделҳои нави фаъолияти иқтисодӣ, муносибатҳои байни субъектҳои бозор ва усулҳои пешниҳоди хизматрасониҳо мусоидат менамояд.

Дар раванди рақамикунонии иқтисодиёт низоми бонкӣ мавқеи махсус дорад, зеро бонкҳо ҳамчун яке аз институтҳои асосии молиявӣ гардиши маблағ, пардохтҳо, пасандозҳо, қарздиҳӣ, хизматрасониҳои молиявӣ ва муносибатҳои байни субъектҳои иқтисодиро таъмин менамоянд. Аз ин рӯ, сатҳи рақамикунонии фаъолияти бонкҳо ба суръат, сифат ва самаранокии рақамикунонии дигар соҳаҳои иқтисодиёт таъсири бевосита мерасонад. Маҳз ҳамин хусусият зарурати таҳқиқи навовариҳои бонкиро ҳамчун воситаи муҳими рақамикунонии иқтисодиёт муайян менамояд.

Дар солҳои охир моҳияти фаъолияти бонкӣ низ тағйир ёфта, аз шакли анъанавии пешниҳоди хизматрасонӣ ба модели рақамӣ ва технологӣ ҳаракат намуда истодааст. Агар қаблан барои анҷом додани қисми зиёди амалиёти бонкӣ муроҷиати муштарӣ ба филиал ё маркази хизматрасонӣ зарур бошад, имрӯз бо истифода аз технологияҳои рақамӣ қисми зиёди амалиётҳо метавонанд тавассути барномаҳои мобилӣ, интернет-бонкинг, кортҳои пардохтӣ, ҳамёнҳои электронӣ, низомҳои пардохти ғайринақдӣ ва дигар воситаҳои рақамӣ анҷом дода шаванд. Ин раванд на танҳо шакли пешниҳоди хизматрасонии бонкиро тағйир медиҳад, балки муносибатҳои иқтисодии байни бонк, корхонаҳо ва аҳолиро низ нав месозад.

Навовариҳои бонкӣ дар ин раванд ҳамчун механизми пайвасткунандаи технологияҳои рақамӣ ва фаъолияти воқеии иқтисодӣ баромад мекунанд. Ҷорӣ намудани технологияҳои муосир ба бонкҳо имконият медиҳад, ки хизматрасониҳоро тезтар, дастрас ва ба талаботи муштариён мутобиқ намоянд. Ҳамзамон, истифодаи технологияҳои рақамӣ метавонад хароҷоти амалиётиро коҳиш дода, сатҳи автоматизатсияи равандҳоро баланд бардорад ва барои қабули қарорҳои идоракунӣ дар асоси маълумоти дақиқ замина фароҳам созад.

Яке аз самтҳои муҳими навовариҳои бонкӣ рушди хизматрасониҳои фосилавӣ мебошад. Интернет-бонкинг ва мобайл-бонкинг ба муштариён имконият медиҳанд, ки бидуни муроҷиати мустақим ба филиали бонк як қатор амалиёти молиявиро

анҷом диҳанд. Ин раванд аҳамияти махсуси иҷтимоӣ низ дорад, зеро дастрасии аҳолӣ ва соҳибкоронро ба хизматрасониҳои молиявӣ васеъ намуда, маҳдудиятҳои вобаста ба масофа, вақт ва ҷойгиршавии филиалҳои бонкиро коҳиш медиҳад.

Ҷанбаи дигари муҳими масъала рушди пардохтҳои ғайринақдӣ мебошад. Густариши кортҳои пардохтӣ, QR-пардохтҳо, пардохтҳои мобилӣ ва дигар воситаҳои рақамии ҳисоббаробаркунӣ метавонад ба коҳиши истифодаи маблағҳои нақдӣ, баланд гардидани шаффофияти амалиёти иқтисодӣ ва суръатбахшии гардиши маблағҳо мусоидат намояд. Дар ин замина навовариҳои бонкӣ на танҳо воситаи баланд бардоштани рақобатпазирии худи бонкҳо, балки яке аз унсурҳои муҳими ташаккули иқтисодиёти рақамӣ ба ҳисоб мераванд.

Аҳамияти мавзӯъ инчунин аз зарурати баланд бардоштани рақобатпазирии бонкҳои ватанӣ бармеояд. Дар муҳити рақамӣ рақобати байни ташкилотҳои молиявӣ танҳо ба ҳаҷми сармоя, шумораи филиалҳо ё миқдори хизматрасониҳои анъанавӣ вобаста намемонад. Суръати ҷорӣ намудани технологияҳои нав, сифати барномаҳои рақамӣ, қулайии хизматрасонӣ, сатҳи амнияти амалиётҳо, қобилияти таҳлили маълумот ва мутобиқшавӣ ба талаботи муштариён ба омилҳои муҳими рақобат табдил меёбанд. Аз ин рӯ, рушди навовариҳои бонкӣ метавонад ҳамчун шарти муҳими таҳкими мавқеи рақобатии бонкҳои миллӣ арзёбӣ гардад.

Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертасия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд

Натиҷаҳои таҳқиқоти илмии диссертант маҷмуи масъалаҳои муҳимеро дар бар мегиранд, ки заминаи методии таъмини рушди соҳаи саноати сабукро дар доираи механизмҳои қарздиҳӣ, инчунин, дигар шаклҳои маблағгузорӣ ва сармоягузорӣ фаро мегиранд. Татбиқи амалии пешниҳодҳои ироагардида метавонад имкониятҳои рушди устувор ва таҳкими суботи иқтисодии мамлакатро, хусусан тавассути дастгирии бахши саноати сабук, таъмин намояд.

Мавқеи илмии муаллиф дар шакли фишурда дар навгониҳои илмӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда инъикос ёфтааст, ки онҳо аз ҷониби диссертант ба таври возеҳ ва мантиқӣ дар диссертатсия баён гардидаанд (Саҳ. 10-

хатарафзо гардидани вазъи амалиёту хизматрасониҳои бонкӣ як қатор коркардҳои ба ин масъала хос дар шакли диаграмма, ҷадвал ва расм пешниҳод ва хулосабарорӣ гардида, дар ҳошияи ҳадафҳои стратегии давлат роҳҳои дар амал татбиқ намудани рақамикунонии иқтисодиёт ва комилан электроникунонии амалиётҳои бонкӣ коркард гардида, мушкилот ва роҳҳои дар амалияи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ намудани барномаву стратегияҳои дахлдори соҳавӣ дар самти рақамикунонӣ пешниҳод гардидаанд. (Саҳ. 119-169).

Дар мавқеъгирии муаллиф вобаста ба натиҷаҳои бадастоварда ва асосноккунии онҳо, дар рисола бандҳои зерин ба таври фишурда ҳамчун нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда нишон дода шудаанд:

- Дар нуктаи якуми ба ҳимоя пешниҳодшаванда, муаллиф исбот шудааст, ки ҷанбаҳои назариявии навовариҳои бонкӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ҳамчун масъалаи заминавӣ асосӣ буда, роҳҳои татбиқи амалии онҳо бо як қатор хусусиятҳои хос ва бартариятҳои мавҷуда муайян гардиданд; ҳамчунин, дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ба таври сода ҷорӣ намудани амалиётҳои маҷозӣ ва хизматрасониҳои муосири инноватсионӣ таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар самти инноватсияҳои бонкӣ таҳқиқ ва роҳҳои амалигардии онҳо нишон дода шудааст, инчунин, шаклҳои истифодаи онҳоро дар низоми бонкӣ асоснок ва ба натиҷаҳои назарраси илмӣ ноил гардидааст.

- Дар нуктаи дуюм, зарурати навовариҳои электронӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт бо шаклҳои муосиртарини инноватсияи бонкӣ ва дигар дастгоҳу унсурҳои он таҳлил ва баҳодиҳӣ гардида, ҷиҳати баҳои воқеӣ додан ба вазъи имрӯзаи навовариҳои бонкӣ ва дар амал татбиқ намудани ҷараёнҳои рақамикунонии иқтисодиёт бо дарназардошти тамоми сохторҳои дахлдори он як қатор нишондиҳандаҳо таҳлил гардида, ваъияти ҷорӣ ва минбаъдаи рушди ин тамоюл дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкору пешниҳод карда шудааст ва дар ҳамин замина зарурати дастгирии институтсионалии онро асоснок кардааст.

- Дар нуктаи сеюми ба ҳимоя пешниҳодшаванда, вазъи муосири рақамикунонии иқтисодиёт ва дар маҷмуъ амалиётҳои виртуалӣ ё маҷозӣ, ҳамчунин коркарди муаммоҳои рақамикунонии иқтисодиёт дар шароити рушди низоми бонкӣ

таҳлил гардида, вобаста ба шиддат гирифтани раванди ҷаҳонишавӣ ва хатарафзо гардидани вазъи амалиёту хизматрасониҳои маҷозӣ, пайдо гардидани як қатор мушкилоти пардохтпазирӣ ва сатҳи пасти ҳимояи воситаҳои электронӣ дар манбаъҳои амалиёт ва хизматрасонӣ, як қатор меъёру нишондиҳандаҳо коркард гардида, роҳҳои татбиқи амалии он аз тарафи муаллиф дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистонба таври муфассал таҳлил ва баррасӣ шудааст.

- Дар нуктаи чорум ҳамчун натиҷаҳои ниҳоӣ, роҳҳои дар амал татбиқ намудани рақамикунонии иқтисодиёт ва комилан электроникунонии амалиётҳои маҷозии бонкӣ дар заминаи техникаву технологияҳои муосири иттилоотию иртиботӣ коркард гардида, мушкилот ва роҳҳои дар амалияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоид кардани ин ҷараён пешниҳод гардидаанд, Натиҷаҳои бадастомада бо як қатор нишондиҳандаҳои муҳими илмӣ асоснок карда шудаанд.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда мушаххасоти таҳқиқоти илмиро ба таври мукаммал дар бар гирифта, натиҷаҳои онро дар сатҳи зарурӣ инъикос менамоянд. Илова бар ин, сатҳи баррасии нишондиҳандаҳои таҳқиқоти илмӣ воқеияти натиҷаҳои бадастомадаро ифода намуда, онҳоро ба таври пурра фаро мегирад (Саҳ. 14-169).

Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия. Ҳамчунин, диссертатсия аз феҳристи ихтисораҳои истифодашуда, муқаддима ва дигар талаботи муқаддимавӣ, матни мантиқӣ ва фарогир, хулоса ва пешниҳодҳо иборат аст. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, нуҳ параграф, хулоса, 18 расм, 8 ҷадвал, 10 диаграмма, рӯйхати адабиёти истифодашуда аз 133 номгӯй иборат буда, дар ҳаҷми 168 саҳифа таҳия шудааст.

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар дисертатсия. Дар шароити имрӯза татбиқи рақамикунонии иқтисодиёт ва густариши бемайлони амалиётҳои электронии молиявию виртуалӣ ба он асос меёбад, ки нишондиҳандаҳо ва воситаву дастгоҳҳои истифодашавандаро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлилу баррасӣ намуда, роҳҳои дар амал истифодабарии онҳоро дар мушоҳидаю таҷрибаҳо, дарёфти дақиқи маълумотҳои воқеии истифодашаванда, дар сатҳи зарурӣ баррасӣ ва ошкорсозии рақамикунонӣ ва амалиётҳои маҷозии электронӣ, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқ, дарёфт ва коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқу интишорот ва

баромадҳои муаллиф дар конфронсу мизҳои мудаввари сатҳи гуногун дар доираи мавзуи таҳқиқотӣ тасдиқ мегардад. Илова бар ин, хулоса ва тавсияҳо, ки хоси шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, бо натиҷаҳои назаррас пешниҳод гардидаанд.

Муаллиф дар боби якуми диссертатсия - **"Асосҳои назариявӣ ва методологии навовариҳои бонкӣ ҳамчун афзори рақамикунонии иқтисодиёт"** масъалаҳои марбут ба таҳаввулоти ташкилотҳои қарзӣ дар татбиқи навовариҳои бонкиро мавриди баррасӣ қарор додааст. Диссертант зимни таҳқиқоти хеш ба арзёбии амиқтари масъала аҳамияти зарурӣ дода, дар ин самт нуқтаи назари олимони маъруфи соҳаи иқтисодиётро таҳлил намудааст. Дар ин замина, омилҳои ба вуҷуд омадани навовариҳо ва ташаккули онҳо дар ташкилотҳои қарзӣ (Саҳ. 20-21), инчунин, нақш ва мавқеи навовариҳо дар ташаккули хизматрасониҳои бонкӣ баррасӣ гардидаанд (Саҳ. 14-29).

Муаллиф дар диссертатсия қайд намудааст, ки нақши инноватсия натанҳо дар рушди бахши бонкӣ, балки ба ғайр аз бонк ба муштариён, соҳаҳои дигари иқтисодиёт ва дар умум, ба иқтисодиёти миллӣ бузург аст. Аз тарафи дигар, навовариҳо ба иқтисодиёт имкон медиҳанд, ки проблемаҳои зиёд, аз қабили гардиши сусти воситаҳои молиявӣ ва бозорӣ ҳал карда шавад(Саҳ. 28). Ҳамзамон, бо мақсади асосноксозии навовариҳои бонкӣ, таҳлилҳои мақсадноки методологӣ анҷом дода шудаанд (Саҳ. 30-36).

Ҳамчунин бамаврид иброз гардидааст, ки яке аз самтҳое, ки дар ташкилотҳои қарзӣ ба навоварӣ бештар ниёз дорад ва таваҷҷуҳи тамоми масъулон низ ба он равона карда шудааст, ин низоми пардохт ва ҳисоббаробаркуниҳо мебошад. Чунки ҳангоми рушд бахшидан ба ин намуди хизматрасониҳо дар бонк таъсири мусбати он ба тамоми субъектҳои истифодабарандаи хизматрасониҳои бонкӣ мерасад, аз ҷумла ба муомилоти пулию молӣ дар иқтисодиёт низ бетаъсир наемонад(Саҳ. 36-37).

Дар диссертатсия масъалаи камбудиву бартариятҳои масъала мавриди таҳқиқи қарор гирифта, қайд гардидааст, ки инноватсия дар низоми хизматрасониҳои бонкӣ дорои як қатор бартарӣ ва афзалиятҳо буда, он ба коҳиши сатҳи хароҷот, афзоиши раванди такрористеҳсол, баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат, сарфаи вақт ва

дигар масъалаҳои муҳимми дигар замина фароҳам меоварад(Саҳ. 39). Камбудии амалиётҳои анъанавӣ дар он аст, ки раванди гузаронидани амалиёт ҳуҷҷатҳои зиёдро талаб намуда, вақти зиёди кормандони бонк ва мизоҷонро талаф мекунад. Инчунин, ин раванд ба навбатпойиҳои зиёд оварда расонида, дар натиҷа, талаботи муштариён низ сари вақт қонеъ гардонида намешавад(Саҳ. 40-41).

Инчунин, дар ин боб раванди навовариҳо дар фаъолияти бонкии кишварҳои хориҷӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, иброз гардидааст, ки дар айни замон вобаста ба суръати баланди истифодаи технологияҳои рақамӣ бонкҳо ва дигар институтҳои молиявию қарзӣ истифодаи технологияҳои рақамиро дар расонидани хизмат ба мизоҷон афзал дониста, дар натиҷа, хароҷотҳои иловагиро дар самти хизматрасониҳо кам намуданд. Бинобар ин, бонкҳо кӯшиш менамоянд аз технологияҳои рақамии навтарин самаранок истифода бурда, доираи фаъолияти худро васеъ гардонанд(Саҳ. 42-60).

Дар боби дуюми диссертатсия - **"Таҳлили вазъи навовариҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон"** муаллифи рисола масъалаҳои марбут ба вазъи навовариҳои бонкӣ, татбиқи онҳо дар хизматрасониҳои бонкӣ, такмили онҳо ва хусусиятҳои онро мавриди баррасӣ қарор додааст. Дар ин замина, ба як қатор нишондиҳандаҳои асосии иқтисодӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардидааст. Дар раванди арзёбии амиқи масъала, муаллиф муаммоҳои дар ин самт вуҷуддоштаро пайдо намуда, роҳҳои ҳалли онро баррасӣ намудааст. (Саҳ. 60-74).

Муаллифи рисола дар ин маврид якчанд фикру андешаҳои дурустро қайд намудааст: Новобаста ба оне, ки ду даҳсола пеш бозори хизматрасониҳои бонкиро бозори қарзҳо ва пасандозҳо ташкил мекард, имрӯз ин бозор шакли худро комилан дигар карда, аз як тараф, ба навсозии амалиётҳо ва аз тарафи дигар, истифодаи хизматрасониҳои маҷозӣ мавқеи асосӣ доранд(саҳ. 57). Дар саҳифаи 58 иброз гардидааст, ки зарурати тақвияти доимии муҳити инноватсионӣ барои нигоҳ доштани нуфузу эътибори бонк яке аз масъалаҳои асосие маҳсуб меёбад, ки дар он ба иқтидорҳои инноватсионӣ ҳамеша таваҷҷуҳи марказӣ дода мешавад ва рақобатпазирӣ ва пардохтпазирии бонк метавонанд нақши ҳалкунанда дошта бошанд.

Дар диссертатсия фикри муаллиф албатта боиси дастгирӣ буда, иброз намудааст, ки дар шароити имрӯза қонеъ намудани талаботи анбуҳи аҳолӣ ба як ё якчанд намуди хизматрасонӣ, таъмини воситаҳои иловагии ба ҷараёни пардохтҳо мусоидаткунанда шарти зарурӣ маҳсуб меёбад ва татбиқи ин масъала танҳо ба воситаи агентҳои пардохтӣ ва дар сатҳи зарурӣ пешниҳод намудани онҳо мувофиқи мақсад мебошад (саҳ. 57).

Қайд кардан зарур аст, ки яке аз инноватсияҳои наве, ки дар фановариҳои замони муосир ҳамчун омили асосии инноватсионӣ маҳсуб меёбад, баъд аз соли 2020 густариш пайдо намуда, бонкҳо дар талош барои истифодаи васеи он мебошанд. Ин терминалҳои худкори худхизматрасонӣ мебошанд, ки ба онҳо бонкҳо баъд аз соли 2020 аҳаммияти ҷиддӣ доданд. Маълумотҳои диаграмма ишора ба он доранд, ки агар дар соли 2020 терминалҳои худкори худхизматрасонӣ 5078 ададро ташкил намуда бошанд, пас шумораи онҳо дар низоми бонкӣ соли 2024 ба 10291 адад баробар гардидааст, ки дар муқоиса ба соли 2020, 5213 адад ё 102.6% афзудааст (саҳ. 71).

Дар боби сеюми рисолаи илмӣ - **“Дурнамои навовариҳои бонкӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон”** масъалаҳои стратегияи рақамикунонии низоми бонкӣ дар шароити муосир, таъмини амнияти навовариҳои бонкӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт, роҳҳо ва афзорҳои татбиқи амалии рақамикунонии иқтисодиёт ва ғайринақдикунонии амалиётҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро зери баррасӣ қарор додааст (саҳ. 97-143).

Диссертант масъалаҳои марбут ба самтҳои асосии такмили низоми навовариро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода, қайд намудааст, ки мушкилотҳо дар таркиби худ амнияти истифодаи бонкҳоро аз ҷониби муштариён дар худ таҷассум намуда, онҳоро ба ҳам пайваст менамояд. Бартарии муҳити инноватсионӣ дар истифодаи васеи технологияҳои рақамӣ аз воситаҳои анъанавии бонкӣ, ки аллакай онҳо аз истифодаи он пурра даст кашидаанд, бештар ва самараноктар мебошанд. Арзёбии навовариҳои рушди низоми бонкӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт бештар дар амалиётҳои хусусияти виртуалидошта татбиқ карда мешавад (саҳ. 82).

Дар шароити ҷаҳонишавии мубодилаи иттилоот тавассути технологияҳои иттилоотӣ зарурати таъмини амнияти иттилооти пардохтҳои электронӣ яке аз масъалаҳои асосиест, ки дар доираи он бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ корбарӣ намуда, чораҳои амниятиро дар ин самт пурзӯр менамоянд(саҳ. 113). Дар таҷрибаи бонкдорӣ, махсусан, дар истифодаи амалиёт ва хизматрасониҳои бонкӣ риояи як қатор шартҳои меъёрӣ раванди танзим ва бехатарии амалиётҳоро имконпазир мегардонад. Зеро анҷоми ҳар як амал метавонад дар доираи шартҳои муайян ҷиҳати таъмини амният амалӣ карда шавад (саҳ. 121).

Бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ барои нигоҳ доштани нуфузу эътибори худ ба таври доимӣ бояд аз роҳу воситаҳое истифода баранд, ки боварии мизоҷонро аз даст надиҳанд. Аз ҳамин лиҳоз, чораҳои бехатариро дар ҳама самтҳо пайваста мавриди пайгирӣ қарор медиҳанд. Инчунин, бонкҳо ба муштариёни худ паёмакҳо равон намуда, онҳоро аз таҳдидҳои бавуҷудомада хабардор менамоянд ва таъкид месозанд, ки ба ҳар гуна саволҳои қалбакии телефонӣ ҷавоб нагардонанд (саҳ.126).

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Барои зарурати қисм ба қисм татбиқ намудани таҳқиқоти илмӣ ва дар амалияи пешбурди корҳои илмӣ аз нуқтаи назари мантиқӣ пешниҳод намудани мушаххассоти гуногуни коркардҳои илмии диссертатсия аз ҷониби муаллиф дар конференсияҳо ва семинарҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ дар солҳои 2021-2024 мавриди пешниҳод қарор гирифтаанд. Ҳамчунин, натиҷаҳои бадастовардаи муаллифро дар машғулиятҳо ба донишҷӯёни макотиби олии кишвар аз фанҳои амалиётҳои бонкӣ, фаъолияти бонкӣ, навовариҳои электронӣ дар бонкҳо, инноватсия дар бонкҳо, технологияҳои рақамӣ дар кори бонкӣ ва суғурта дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва дигар донишгоҳҳо истифода бурдан мумкин аст.

Камбудиҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ

Бояд иброз намуд, ки дар доираи ҳадафҳои гузошташуда ва натиҷаҳои назарраси бадастовардашуда, муаллифи рисолаи илмӣ ба як қатор имкониятҳои назарраси илмӣ ва барои ҷомеа зарур ноил гардидааст. Ҳамзамон дар баробари тамоми дастоварду муваффақиятҳои илмӣ дар диссертатсияи тақризшаванда баъзе норасоиву камбудиҳо низ ҷой доранд, ки бандҳои зеринро дар бар мегиранд:

1. Сарфи назар аз таҳқиқи масъалаҳоимубрами илмӣ, ки онҳоро дар таҳқиқоти илмии мазкур во хурдан мумкин аст, аммо таҳқиқоти олимони тоҷик, ки дар ин самт то ҳол анҷом шудаанд, ба таври амиқ ба назар намерасад;

2. Амалан низоми бонкӣ дар муҳити инноватсионӣ дар солҳои охир ба таври чашмрас дар ҳоли пешравӣ буда сатҳи осепазирии худро ба таври доимӣ зери назар дорад. Бинобар ин зарур буд, ки дар таҳқиқоти мазкур муаллифи рисолаи илмӣ вобаста ба бурду бохти низоми бонкӣ ва мувозинати онҳо дар шароити муосир ба таври алоҳида маълумот пешниҳод менамуд;

3. Баъзе хуловау пешниҳодҳои дар боби дуюми рисолаи илмӣ пешниҳодгардида, хусусияти мумумӣ дошта бояд ба таври зарурӣ ин масъалла мавриди таваҷҷуҳ қарор мегирифт;

4. Баъзефакут рақамҳои овардашудаи муаллиф дарсамти рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ, махсусан, хизматрасониҳои маҷозии ғайринақдӣ баҳсбарангез буда аз тарафи муаллиф асоснокунии иловагиротақозо менамоянд;

5. Дар боби сеюми рисолаи илмӣ муаллиф ба афзорҳои татбиқи амалии рақамикунонии иқтисодиёт таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Аммо қабл аз воситаҳои зарурии мусоидаткунанда ба афзорҳои рақамӣ, дар бораи техника ва технологияҳои муосир дар соҳаҳо маълумот манзурнамудааст;

6. Дар матни диссертатсия баъзе камбудиҳои имлоӣ ва услубӣ (стилистикӣ) ба мушоҳида мерасанд.

Дар баробари норасоӣ ва эродҳои зикршуда, бояд гуфт, ки онҳо ба мазмуну муҳтавои умумии диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва сатҳи илмии онро низ коста намегардонанд.

Хулосаи умумӣ доир ба диссертатсия

Дар робита ба натиҷаҳои бадастомада метавон қайд намуд, ки диссертатсияи Раҳимзода Ҷурабег Раҳим дар мавзуи «Навовариҳои бонкӣ ҳамчун афзори рақамикунонии иқтисодиёт» , ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900- Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) тибқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионӣ (КОА) омода гардидааст. Кори илмӣ аз ҷиҳати мазмун, дараҷаи фарогирии масъалаҳо,

сатҳи таҳлил, натиҷаҳо ва хулосабарориҳо ба талаботи мавҷуда ҷавобгӯ буда, барои ҳимоя дар назди шурои диссертатсионӣ мувофиқ мебошад. Бо дарназардошти натиҷаҳои таҳқиқот метавон хулоса кард, ки диссертатсияи мазкур кори комилан анҷомёфтаи илмӣ буда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси ихтисоси 6D050900- Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) мувофиқат менамояд. Аз ин рӯ, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси зикршуда мебошад.

Муқарризи расмии дуюм:
Номзади илмҳои иқтисодӣ,
Менеҷери минтақавии ш. Душанбе
дар ҶСП "Спитамен Бонк" **Нуралиева Д.К.**

Имзои Нуралиева Дилафруз Камоловнаро тасдиқ мекунам:

И.в. Сардори Департаменти кадрҳо **Рашидов Ф.Т.**

Суроға: 734064, ш. Душанбе, кӯчаи Б. Ғафуров, 45.
Тел: + (992 44) 640-65-65. E-mail: info@spitamen.com

"19" 09 соли 2026